**ПРОТОКОЛИ №174-и**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

**11 – уми апрели соли 2025** **шаҳри Душанбе**

**Иштирок доштанд:** 9 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ, аз онҳо доктороне илм аз рӯйи ихтисос 8 нафар.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Шарифов Зариф Раҳмонович | - *раиси шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050608 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 2. | Самандаров Искандар Ҳусейнович | - *муовини раиси шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 3. | Олимов Аловиддин Хайруллоевич | - *котиби илмии шуро,* номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 4. | Қудратов Рустам Раҳматович | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 5. | Мирсаидов Аврор Бобоевич | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 6. | Насиров Раҳимбек | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 7. | Пиризода Ҷалил Сафар | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 8. | Раҷабов Раҷаб Кучакович | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |
| 9. | Раҳматзода Ҳайдар Бобо | - *аъзои шуро,* доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ |

11-уми апрели соли 2025, соати 10 $^{00}$ дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003. шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, ҳуҷраи №114) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 баргузор гардид. **Вақти анҷоми ҷаласа:** соати 12$^{10}$.

**Раиси ҷаласа**: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович.

**Котиби илмӣ**: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич.

**Раиси шуро**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 9 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, № 14/шд тасдиқ шуда, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026, №3/шд фаъолияти шурои диссертатсионӣ ба Таснифоти ихтисосхои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Дар асоси варақаи ҳузурии аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа 9 нафар аъзои шуро иштирок доранд, ки аз онҳо 8 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки ба кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Кӣ тарафдор? Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:

Ҳимояи ошкорои такрории диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Диссертатсия дар кафедраи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ **Насиров Раҳимбек** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои

комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Мирасидов Саидакмал Аврорович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**2. Асоев Муфаррах Мазоридинович** - номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

**1. Раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович.

**2. Котиби илмии шуро**: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич.

**3. Унвонҷӯ:** Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон: Мирсаидов Аврор Бобоевич, Раҷабов Раҷаб Кучакович, Пиризода Ҷалил Сафар ва Раҳматзода Ҳайдар Бобо ҷавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии** унвонҷӯ Насиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур шунида шуд.

**Котиби илмӣ** хулосаи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо қироат намуд.

**Котиби илмӣ** тақризи муқаррizi расмӣ Мирсаидов Саидакмал Аврорович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро қироат намуд.

**Баромади муқарризи расмӣ Асоев Муфаррах Мазоридинович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

**Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:**

**1. Қудратов Рустам Раҳматович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор:

**2. Самандаров Искандар Хусенович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;

**3. Мирсаидов Аврор Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб, барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Раҳматзода Ҳайдар Бобо, Раҷабов Раҷаб Кучакович ва Қудратов Рустам Раҳматович интихоб гардиданд.

Аз 9 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта, дар бахши овоздиҳӣ 9 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 8 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор - нест.

Аъзои шурои диссертатсионӣ тариқи овоздиҳӣ протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

**аз 11-уми апрели соли 2025** **шаҳри Душанбе**

Суханронии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; тақризи муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, професори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Мирсаидов Саидакмал Аврорович; суханронии муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Асоев Муфарраҳ Мазоридинович; суханронии муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон – Қудратов Р.Р., Самандаров И.Ҳ. ва Мирсаидов А.Б.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба

диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD), ба Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 9 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

**Имзоҳои Шарифов З.Р. ва Олимов А. Х. – ро тасдиқ мекунам:**

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А. Х.